**НУСХА АЗ СУРАТҶАЛАСАИ № 4/5**

ҷаласаи Шурои олимони факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

аз 30-юми ноябри соли 2022 ш.Душанбе

**Иштирок доштанд:** ҷамъ 17 нафар - аъзои Шурои олимони факултет

## РӮЗНОМА

5. Баррасии рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи "Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 -Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ).

## ШУНИДА ШУД:

Оид ба масъалаи мазкур раиси Шурои олимони факултети педагогика номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Давлатзода Фаридун баромад намуда, ҳозиринро бо аризаи довталаб ва пешниҳоду хулоса ва дархости кафедра оид ба гузаронидани давраи дуюми ташхиси диссертатсияи Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи "Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) шинос намуд.

Раис аз ҷумла қайд намуд, ки тибқи банди 49-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ"-и Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (№ 267 аз 30-юми июни соли 2021) барои арзёбии мазмуну муҳтавои диссертатсия аз ҳисоби мутахассисони дохилӣ ва берунӣ аз рӯи самти таҳқиқоти диссертатсионӣ 2 нафар муқаррizи холис таъйин карда шавад. Баъди пешниҳоди фикру андешаҳои аъзоёни Шуро чунин

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Олимов Тағойбек Шодиевич дар мавзуи “Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01.-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) барои давраи дуюм қабул карда шавад.

2. Бо назардошти муҳтавои мавзӯъ ва сарчашмаҳои таҳқиқот ба ҳайси муқарризони холис доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович ва номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогикаи умумии МДТ-и “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” Шуҳрат Кучибоев таъйин карда шаванд.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси ҷаласа, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, раиси Шурои олимонифакултети педагогикаи ДДОТ ба номи С.Айнӣ — Ф. Давлатзода

Котиби ҷаласа, котиби илмии Шурои олимони факултети педагогика — С. Тағоев

Имзоҳои Ф. Давлатзода ва С.Тағоевро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С.Айнӣ — А. Мустафозода

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН • ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ • РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

*Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121.*
*тел: + 992 (37) 224-13-83 E-mail: info@tgpu.tj*